## ПРОТОКОЛИ № 13

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 19 апрели соли 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
Аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Раиси шуро:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, № 18/шд тамдидгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои Шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон.

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович, аъзои комиссияи экспертӣ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ва Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич баромад намуданд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣаз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Нажмудинзода Рисолат Хайридин дар мавзуи «Таърихи ташаккули истилоҳоти забоншиносии тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои филологӣаз рӯйи ихтисоси 10.02.19 – Назарияи забон ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд::

- **Назарзода Сайфиддин** -узви вобастаи АМИТ доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакӣ;
- **Шердилова Сурайё Фармонбековна–** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии кормандони соҳаи маориф;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 28.06. 2025 соати 08:00 таъин карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 10 нафар, муқобил- нест, бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Ҳасанова Ш. Р.